**Қоидаҳои гузаронидани Лотереяи «Имконият ба сӯи хурсандиҳо»**

**ш.Душанбе** **соли 2024**

Лотереяи «Имконият ба сӯи хурсандиҳо» (минбаъд – «Лотерея») дар минтақаи Хизматрасонии шабакаи ҶСП «Вавилон-Мобайл», ки хизматрасонии алоқаро (минбаъд Оператор) пешниҳод менамояд, аз 10.10.2024с (00:00 - ба вақти Душанбе) шурӯъ мешавад. Мӯҳлати анҷоми Лотерея 24.01.2025с. (23:59 ба вақти Душанбе) муқаррар шудааст (агар дар бораи тамдиди минбаъдаи он мувофиқа нашавад).

Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода мешаванд, ба истилоҳоте, ки дар Шартнома истифода мешаванд, мувофиқат мекунанд, агар дар ин Қоидаҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

## Боби 1. Ташкили лотерея

1.1. Ташкилкунандаи Лотерея ҶДММ «Рушди Мобилӣ» (минбаъд Ташкилкунанда) мебошад; РМА 010102064, суроға шаҳри Душанбе, к. С.Айнӣ, 29.

1.2. Лотерея барои муштариён пулакӣ мебошад ва якдафъина фаъол карда мешавад. Хизматрасонӣ обунаро талаб намекунад,Муштарӣ метавонад шумораи номаҳдуди ID-рамзҳоро такроран дархост кунад

1.3. Бурдҳои Лотерея танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда мешаванд.

1.4. Лотерея 1 марҳиларо дар бар гирифта, аз 10.10.2024 то 24.01.2025 давом мекунад. Бурдҳо дар анҷоми Марҳилаи Лотерея дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи Қоидаҳои мазкур дода мешаванд.

## Боби 2. Иштирокчиёни Лотерея

2.1. Иштирокчиёни Лотерея (минбаъд – «Иштирокчиён») метавонанд ҳама гуна шахсони воқеӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, ки ба синни 18 расидаанд ва Муштарии Оператор ба ҳисоб меравaнд.

2.2. Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи кормандон ва намояндагони Оператор, Ташкилкунанда, шахсони фаръии Ташкилкунанда ё Оператор, кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи кормандон ва намояндагони шахсони намояндагиҳои Ташкилкунанда ё Оператор, инчунин шахсоне, ки сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд дар Лотерея манъ мебошад.

2.3. Ба иштирокчиён ҳангоми иштирок дар Лотереяҳо қатъиян манъ аст:

истифодаи ҳама гуна таҷҳизот ба ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ (минбаъд «телефони мобилӣ») бо SIM-корти Оператор мебошад;

истифодаи ҳама гуна нармафзор, аз ҷумла нармафзори дар телефони мобилӣ насбшуда, ба истиснои нармафзоре, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Оператор таҳия шудааст;

истифодаи нармафзоре, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Оператор таҳия шуда, барои иштирок дар Лотерея пешбинӣ шудааст ва бо ҳар роҳ, аз ҷумла тавассути дахолат ба рамзи барнома таҳия шудааст;
истифодаи ҳама гуна усулҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар Лотерея.

2.4. Ҳамаи шахсоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои 2.1-2.3-и Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, дар Лотерея иштирок карда наметавонанд. Чунин ашхос наметавонанд барои гирифтани мукофоти Лотерея даъво кунанд. Агар Ташкилкунанда ё Оператор чунин шахсонро дар ҳама гуна марҳилаи Лотерея, аз ҷумла ҳангоми муошират бо Иштирокчиён бо мақсади дарёфти ҷоизаи Лотерея муайян кунад, онҳо ҳуқуқи гирифтани ҷоизаи Лотереяро аз даст медиҳанд. Маблағҳои сарфкардаи чунин Иштирокчиён дар робита ба иштирок дар Лотерея баргардонида намешаванд.

## Боби 3. Ҷоизаҳои Лотерея

3.1.Ҷоизаҳои Лотерея дар охири Марҳила ба Иштирокчиёне дода мешавад, ки дар лотереяи ниҳоӣ, ки дар охири Марҳила ҷамъбаст мешавад, ҷойҳои ҷоизавиро соҳиб мешаванд.

3.2.Мукофотҳо аз рӯи фонди ҷоизаҳои муқарраршуда дода мешаванд.

3.3.Супурдани мукофотхои қиматбаҳо.

Фонди мукофоти Лотерея:

Ба сифати бурдҳои Лотерея пешниҳод шудаанд:

***Мукофот барои категорияи якум:***

Электромобили Zeekr 001 Z-Sport – 1 дона.

***Мукофотҳои пулӣ:***

100 000 сомонӣ – 1 адад.
50 000 сомонӣ – 1 адад.
30 000 сомонӣ – 1 адад.

**Категорияи дуюми мукофотҳо:**

iPhone 16 Pro Max – 2 адад.
Samsung Galaxy S24 Ultra – 2 адад.
Ноутбук HP 15 Celeron – 3 адад.
Телевизори Samsung 43" – 4 адад.
Рақамҳои бриллиантӣ + – 2 адад.
Рақамҳои бриллиантӣ – 2 адад.

**Категорияи сеюми мукофотҳо:**

Samsung A15 – 10 адад.
Smart-соатҳои Galaxy Fit 3 – 5 адад.
Рақамҳои тиллои сафед + – 2 адад.
Рақамҳои тиллои сафед – 2 адад.
Рақамҳои тиллоӣ+ –10 адад.
Рақамҳои тиллоӣ –12 адад.

3.4 Ҷоизаҳо дар миёни тамоми ширкаткунандагони Лотерея қуръакашӣ мешаванд. Ҷоизаҳои пешниҳодӣ муодили пулӣ надоранд.

## Боби 4. Тартиби гузаронидани Лотерея

4.1. Барои иштирок дар Лотерея ба Иштирокчӣ се усул пешниҳод мешавад.

Барои иштирокчии Лотерея шудан муштариро зарур аст,ки яке аз ин 3 усулро истифода барад ва розигии худро барои гирифтани рамзҳои пулакии ID Лотерея тасдиқ кунад:

Ба IVR бо рақами кӯтоҳи 1101 занг занад;

SMS ба рақами кӯтоҳи 1101 ирсол намояд;

Дархост ба *1101# фиристад

Иштирокчӣ ҳуқуқ дорад дар Лотерея бо истифода аз ҳар се усул, ба таври номаҳдуд дар давоми Марҳила иштирок кунад. Барои иштирок дар лотерея аз усули ба худ мақбул истифода барад.

4.2. Барои ирсоли ҳар як USSD- дархост («*1101#»), SMS-паёмак (ба рақами 1101), инчунин ҳангоми занг задан ба рақами «1101» аз Муштарӣ 3 сомонию 50 дирам бо назардошти ААИ ва аксиз ситонида мешавад.

4.2.1 Агар Муштарӣ амалҳои заруриро барои иштирок дар Лотерея АНҶОМ ДИҲАД, вале дар суратҳисоби шахсии ӯ дар шабакаи алоқаи Оператор барои пардохт маблағи кофӣ набошад, ба Муштарӣ смс -паём меояд, ки дар тавозуни Муштарӣ маблағи кофӣ вуҷуд надорад, ва бинобар ин Муштарӣ муваққатан наметавонад дар Лотерея иштирок кунад. Ҳангоми дар суратҳисоби шахсии Муштарӣ пайдо шудани маблағи кофӣ, Муштарӣ метавонад бо истифода аз яке аз усулҳои дар банди 4.1. нишондодашуда дар Лотерея иштирок кунад.

4.3. Агар иштирокчӣ мехоҳад ID-и худро тафтиш кунад, дар сурати гум шудан/нест шудани SMS, зарур аст, ки USSD дархости *1101*01# ё SMS ба 1101 бо матни «info» ирсол кунад, дар посух ба дархост ба муштарӣ паёмаки зерин меояд: «Дархости Шумо қабул шуд. СМС-ро интизор шавед». Дар идома ба муштарӣ SMS бо тамоми рақамҳои ID-и ҷудошуда, ба рақаме, ки дархост фиристода шудааст, ирсол мешавад.

Масалан:

«Шумо иштирокчии Лотереяи «Имконият ба сӯи хурсандиҳо» ҳастед. Рақами телефони Шумо: ****.ID рақамҳои Шумо:***( рӯйхати ҳамаи ID-ҳое, ки ба ин рақам таъин шудаанд).

**Боби 5. Шартҳо ва тартиби бурди мукофотҳои Лотерея**

5.1 Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои Лотерея ба Ғолиб СМС-паёмак дар бораи гирифтани ҷоиза фиристода мешавад, ё аз Ташкилкунанда занг меояд.

5.2 **Қуръакашии мукофотҳо:**

Қуръакашии мукофотҳо пас аз анҷоми Лотерея мустақиман тавассути Радиои «Азия+». баргузор мешавад. Рақами ID-и Ғолибони бурд бо роҳи кашидани қуръаҳои (саққоҳои) тасодуфӣ бо рақамҳои «1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 0» аз барабани махсуси Лотерея муайян карда мешавад. Рақами «Б» дар охири он муайян карда мешавад. Дар қуръакашии бурдҳо ҳамаи «Б»-

рақамҳои корбароне, ки иштирокчиёни Лотерея гардиданд, иштирок мекунанд.

5.3 Ғолибон барои гирифтани ҷоиза вазифадоранд, ки дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбасти натиҷаҳои Марҳилаи Лотерея маълумотномаи шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла маълумоти бақайдгирӣ, нусхаи шартномаи хизматрасонии алоқа бо Операторро пешниҳод намоянд. Агар Ғолиби ҷоиза дар мӯҳлати муайяншуда ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунад, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад дар бораи надодани ҷоизаи Лотерея, ки ба чунин Барандаи Ҷоиза пешбинӣ шудааст, қарор қабул кунад.

5.4 Иштирокчиёне, ки банди 2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон мекунанд, ғолиб шуда наметавонанд.

5.5 Ташкилкунандаи Лотерея ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин додани Ҷоизаро ба Барандаи Ҷоиза рад кунад:

-агар Ғолиби ҷоиза бо Шарик дар банди 5.3-и Қоидаҳои мазкур дар муҳлате, ки Ташкилкунанда муқаррар кардааст, тамос нагирифта бошад.

5.6 Агар Барандаи Ҷоизаи Лотерея ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои дар банди 5.3 Қоидаҳои мазкур пешбинишударо пешниҳод накунад ё маълумоти бардурӯғ ва ё ҳуҷҷатҳои бардурӯғ пешниҳод кунад (агар Оператор ё Ташкилкунандаи Лотерея ба ҳаққонияти ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шубҳа дошта бошанд ё Ғолиби ҷоиза пешниҳоди ҳуҷҷатҳои заруриро шахсан рад кардааст), Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд;

5.7 Агар Барандаи ҷоиза ба меъёрҳои муайянкардаи Иштирокчии Лотерея, ки дар боби 2 Қоидаҳои мазкур зикр шудааст, мувофиқат накунад;

5.8 Агар Ғолиби Ҷоиза дар назди Оператор ё Ташкилкунанда қарзи пардохтнашуда дошта бошад.

5.9 Дар чунин ҳолатҳо, ҷоиза ба даври навбатии лотерея ҳамчун “джекпот” мегузарад.

5.10 Агар Ғолиби Ҷоиза дар назди Оператор қарздор бошад, ҷоиза дар сурате ба ӯ дода мешавад, ки агар Ғолиби Мукофот ин қарзро дар давоми се рӯз аз рӯзи гирифтани огоҳинома дар бораи Барандаи Ҷоиза эътироф намудани ӯ баргардонад.

5.11 Агар Ғолиби марҳилаи Лотерея дар давоми панҷ рӯз аз лаҳзаи эълон шудани Мукофот аз гирифтани он даст кашад, ӯ вазифадор аст Ташкилкунандаи Лотерея ё Операторро дар шакли хаттӣ бо пешниҳоди аризаи хаттӣ дар бораи рад кардани гирифтани бурди Лотерея дар идораи асосии Оператор огоҳ намояд. Дар ин ҳолат, бурди Лотерея ба Барандаи Ҷоиза ё дигар иштирокчии Лотерея дода намешавад.

5.12 Барандаи ҷоиза барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои андоз вобаста ба гирифтани бурдҳои Лотерея мустақилона масъул аст

## Боби 6. Шартҳои дигар

6.1. Ташкилкунанда имконияти иштирок дар Лотереяро ҳангоми дар роуминг қарор доштани Иштирокчӣ кафолат намедиҳад.

6.2. Муштарие, ки нахустин USSD-дархостро анҷом медиҳад, ба рақами дахлдори «1101» SMS ё занги овозӣ мефиристад, розӣ будани худро бо Қоидаҳои Лотерея пурра ва бечунучаро тасдиқ мекунад (пешниҳод (Оферта)-ро қабул мекунад), ба синни 18 расидани худро кафолат медиҳад; шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи Шартномаи бо Оператор басташуда Муштарӣ будани худ, инчунин ба дигар меъёрҳои Иштирокчӣ мувофиқат кардан, ки дар боби 2 хамин Қоидаҳо пешбинӣ шудаанд, тасдиқ мекунад.

6.3 Фиристодани нахустин USSD –дархост аз ҷониби Муштарӣ, ирсоли SMS-паёмак ё занги овозӣ ба рақами дахлдори «1101» боиси ворид намудани тағйирот/иловаҳо ба Шартномаи аз ҷониби Оператор бо Муштарӣ басташуда мегардад.

6.4Қоидаҳои мазкур аз 10 октябри соли 2024 эътибор пайдо мекунанд ва то лаҳзае, ки аз ҷониби Ташкилкунанда тағйир ё қатъ карда шавад, эътибор доранд. Ин Қоидаҳо аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор нишондодашуда тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.

6.5 Агар Иштирокчӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз санаи тағйир ва/ё қатъ гардидани шартҳои Созишномаи иловагӣ ба Шартнома ба Ташкилкунанда оид ба рад кардани қабули тағйирот ба Шартнома ҷавоб нафиристад, инчунин дар идомаи Лотерея, ки аз тарафи Ташкилкунанда бо шартҳои нав пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани гузаронида мешавад, иштирок кунад, тағйирот аз ҷониби Иштирокчӣ қабулшуда ҳисобида мешавад.

6.6 Бо ширкат дар Лотерея, Иштирокчиён розӣ мешаванд:

-барои гирифтани таблиғ дар шакли IVR,SMS ва USSD, ки ба Лотерея марбут аст, инчунин розӣ мешаванд, ки Ташкилкунандаи Лотерея ва Оператор, инчунин шахсони аз ҷониби онҳо барои гузаронидани Лотерея ҷалбшуда маълумотро бо ҳамдигар мубодила мекунанд. Аз ҷумла коркарди иттилоот, вобаста ба иштирок дар Лотереяи Иштирокчӣ (аз ҷумла иттилооти марбут ба маълумоти шахсии Иштирокчиён ва мундариҷаи USSD/SMS/IVR-и Иштирокчиён);

Ҳангоми гирифтани мукофоти Лотерея номи Ғолибон, тасвирҳои онҳо, аз ҷумла аксҳо, мусоҳибаҳо, инчунин маълумоти аз ҷониби Иштирокчӣ ба Ташкилкунанда ё Оператор пешниҳодшуда аз ҷониби Ташкилкунанда метавонад бо мақсади огоҳ намудани шахсони сеюм дар бораи гузаронидани Лотерея бе розигии иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти подошпулӣ истифода бурда шаванд.

6.7 Муштарӣ бо иштирок дар Лотерея розигии ихтиёрии худро ба амалӣ намудани Ташкилкунанда ва Оператор, инчунин шахсони сеюме, ки

Ташкилкунанда бо мақсади гузаронидани Лотерея ҷалб намудаанд, барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ба шахсони сеюм супурдан, коркард ва истифодаи маълумоти шахсии чунин Иштирокчӣ барои анҷом додани тамос бо Иштирокчӣ дар доираи Лотереяҳо, аз ҷумла тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, паёмнависии SMS ва почтаи электронӣ баён мекунад. Иҷрои чунин амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда, Оператор ва шахсони ҷалбкардаи онҳо аз онҳо гирифтани ягон иҷозати иловагӣ аз Иштирокчӣ ё огоҳиҳои махсус ба Иштирокчӣ оид ба иҷрои амалҳои номбаршударо талаб намекунад. Чунин ризоияти Иштирокчӣ дар давоми амали давраи баргузории Лотерея ва 60 (шаст) рӯзи тақвимӣ пас аз анҷоми он бо қарори Ташкилкунанда ё пас аз қатъи обунаи Иштирокчӣ, эътибор дорад.

6.8 Ташкилкунанда/Оператор барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои марбут ба Лотерея масъул нест, агар чунин амал бинобар нест кардани маълумоти шахсии Иштирокчӣ дар натиҷаи бозхонди онҳо аз ҷониби Иштирокчӣ рух дода бошад.

6.9. Иштирокчиён тамоми хатарҳои марбут ба риоя накардани шартҳои ин Қоидаҳоро мустақилона ба дӯш мегиранд. Хароҷоти аз ҷониби Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Лотерея пардохтшуда ба Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешаванд.

## Боби 7. Маҳдудияти масъулияти Оператори алоқаи мобилӣ

7.1. Оператори мобилӣ Ташкилкунандаи Лотерея ба ҳисоб намеравад ва барои амалҳои Ташкилкунанда дар ташкили Фонди бурди Лотерея ва додани бурдҳои Лотерея ба Ғолибон, инчунин барои ҳама гуна оқибатҳои амалҳои мазкур, ки мустақиман ё бавосита ба шахсони сеюм таъсир мерасонанд, масъул нест.

7.2. Бо ирсоли SMS-паёмҳо дар доираи Лотерея, Иштирокчӣ (Муштарӣ) ба Оператор иҷозат медиҳад ва розигии худро барои ба Ташкилкунанда пешниҳод намудани маълумоти шахсии Иштирокчӣ (Муштарӣ), яъне: рақами телефоне, ки аз он SMS паём фиристода шудааст, насаб, ном, номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни паёми SMS, инчунин сана ва вақти фиристодани онро тасдиқ мекунад.

7.3. Оператор дар бораи Лотерея ягон маълумот пешниҳод намекунад. Ҳамаи саволҳо ва шикоятҳо вобаста ба Лотерея ба Ташкилкунанда бо истифода аз маълумоти тамос дар зербанди 1.1. аз ин Қоидаҳо фиристода мешавад.

7.4. Оператор имконияти ирсоли SMS-паёмҳоро танҳо дар доираи фарогирии шабакаи Оператор фароҳам меорад.

7.5. Иштирокчӣ (Муштарӣ) бо иштирок дар Лотерея қабули шартҳои маҳдудияти масъулияти Операторро тасдиқ мекунад.

**Боби 8. Даъвоҳо ва мӯҳлати эътибори онҳо**

8.1. Бо мақсади пешгирии нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, Лотерея бо риояи қатъии тамоми меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон гузаронида мешавад.

8.2. Ҳама гуна шикоятҳо дар бораи гузаронидани лотерея бояд ба почтаи электронии зерин ирсол карда шаванд: **LotereyaIBSH2024@gmail.com** Санаи бақайдгирии даъво санаи қабули он ба ҳисоб меравад. Иштироккунанда бояд моҳияти даъворо муфассал ва равшан баён кунад. Дар даъво бояд насаб, ном ва номи падар, рақами телефони тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS фиристода шудааст, мундариҷаи SMS, сана ва вақти фиристодани SMS ва суроғаи почтаи электронии Иштирокчиро дар бар гирад, то ин ки ҷавоби даъво ба он фиристода шавад.

8.3. Дар сурати розӣ набудани Иштирокчӣ бо насодани ID, Иштирокчӣ бояд даъворо дар шакли хаттӣ, санаи дақиқ ва вақти дархости ID, посухи система баен кунад.

8.4. Агар Аз Ҷониби Иштирокчӣ дурустии амалҳои Ӯ ва тарофабандии муваффақона исбот карда шавад, Ба Иштирокчӣ ИЛОВАТАН ID ба шумораи умумӣ дода мешавад

8.5 Ҳама даъвоҳо дар давоми 10 рӯз аз рӯзи қабули он баррасӣ карда мешаванд.

8.6. Ташкилкунанда даъвоҳоро дар асоси ин Қоидаҳо баррасӣ мекунад.8.7. Ташкилкунанда барои бо айби иштирокчии лотерея гирифта натавонистани мукофот масъул нест.

8.8. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи интишори онҳо дар веб-сомонаи Оператор www.babilon-m.com эътибор пайдо мекунанд. Муштариён дар бораи тағйирот ё қатъи Қоидаҳои мазкур на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо кардани чунин тағйирот дар веб-сомонаи Оператор www.babilon-m.com нашр карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор нишондодашуда тағйир ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи интишори тағйирот ба Қоидаҳо ба Ташкилкунанда дар бораи рад кардани қабули Қоидаҳои тағйирёфта паём ирсол накунад, инчунин иштироки худро дар лотереяи «Имконият ба сӯи хурсандиҳо», ки аз ҷониби Ташкилкунанда бо шартҳои нав баъд аз қувваи қонунӣ гирифтан, гузаронида мешавад, давом диҳад, тағйиротҳо аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда ҳисоб меёбанд.